«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон
н.и.и., дотсент Абдуалимзода Ҳ.А.

« 30 » 03 2022с.

**Хулосаи**
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Диссертатсияи Халифазода Ҷовидон Бобохон дар мавзуи «Арзёбии самаранокии кластерҳои агросаноатӣ дар минтақа (дар мисоли кластерҳои пахтаи минтақаи Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ дар кафедраҳои иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ ва таҳлили иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар рафти иҷрои диссертатсия Халифазода Ҷовидон Бобохон унвонҷӯи кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Таҳқиқот оид ба омӯзиши пурраи мавзуи рисолаи илмии Халифазода Ҷовидон Бобохон соли 2020 дар кафедраҳои иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ ва таҳлили иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон оғоз гардидааст.

Халифазода Ҷовидон Бобохон соли 2014 ба ихтисоси суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2018 хатм намуд. Пас аз хатми донишгоҳи номбурда барои идомаи таҳсил ба шуъбаи магистратура, аз рӯйи ихтисоси андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дохил шуда, соли 2020 зинаи мазкурро бо ихтисоси иқтисодчӣ (ихтисоси андоз ва андозбандӣ) хатм кардааст. Номбурда бо фармоиши ректори ДДМИТ аз 18.11.2020 №113/И ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ қабул карда шудааст.

Мавзуи диссертатсияи Халифазода Ҷовидон Бобохон дар ҷаласаи шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таҳти суратҷаласаи №5/5.15 аз 29-уми декабри соли 2020 баррасӣ ва тасдиқ гардида, роҳбари илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, Давлатзода Қудрат Қамбар таъйин гардидааст.

Халифазода Ҷовидон Бобохон имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) 4 (хуб), аз 14.06.2021, таърих ва фалсафаи илм 5

(аъло), аз 28.01.2022 ва имтиҳони номзадӣ (минимум) аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иктисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ бо баҳои 5 (аъло), аз 15.09.2022 дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон супорида, соҳиби шаҳодатнома гардидааст.

Диссертатсияи Халифазода Ҷовидон Бобохон дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ ва таҳлили иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба таври ошкоро аз аз «28» 09 соли 2022, суратмаҷлиси №02 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас азислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Ташаккули кластерҳои агросаноатӣ дар минтақа (дар мисоли кластерҳои пахтаи минтақаи Хатлон)» чунин хулоса қабул карда шуд:

**Ҳадафи асосии таҳқиқоти мазкур** - ин омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ-методологии кластерикунонии минтақаҳои кишвар ва пешниҳодҳои амалӣ оид ба баланд бардоштани самаранокии ташаккули кластерҳои пахта дар минтақаҳои агросаноатӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ҳадафи гузошташуда дар диссертатсияи унвонҷӯ Халифазода Ҷовидон Бобохон масъалаҳои зерин баррасӣ мешаванд:

- ✓ омӯзиши ҷанбаҳои назариявии ташаккули кластерҳои пахта дар шароити минтақаҳои агросаноатӣ;
- ✓ арзёбии принсипҳо ва функсияҳои асосии амалкарди кластерҳои пахта дар минтақа;
- ✓ асоснок намудани самтҳои асосии ташаккули кластерҳои пахта дар асоси истифодаи таҷрибаи хориҷӣ ва истифодаи вариантҳои пешқадами он дар шароити минтақаҳои кишвар;
- ✓ дастгирии давлатии ташаккул ва рушди кластерҳои пахта бо назардошти хусусиятҳои минтақавӣ ва инноватсионӣ-хоҷагидорӣ;
- ✓ таҳияи пешниҳодҳо оид ба ҷалби сармоягузориҳо ба ташаккули рушди каластерҳои пахта дар минтақаҳои агросаноатӣ;
- ✓ асоснoккунии роҳҳо ва имкониятҳои баланд бардоштани самаранокии кластерҳои пахта дар минтақаи Хатлон.

**Саҳми шахсии довталаб** дар он муайян мегардад, ки иҷрои нақшаи кори диссертатсионӣ, аз ҷумла интихоби мавзуъ, асосноксозӣ, мақсад, вазифаҳо, мубрамият ва аҳаммиятнокии он аз ҷониби диссертант иҷро гардидааст. Тавсияҳои кори илмӣ метавонанд ҳангоми татбиқи сиёсати кластерикунонии минтақаҳо, ташаккули кластерҳои пахта ва шаклҳои пешқадами муносибатҳои ҳамгирой ва кооператсияи истеҳсолот, таъмини фаъолияти самараноки соҳаи комплекси агросаноатӣ мавриди истифода қарор дода шаванд.

**Объекти таҳқиқотро** ташаккули кластерҳои пахта дар шароити минтақаи Хатлон ташкил медиҳад.

**Мавзуи таҳқиқот** ин муносибатҳои ташкилӣ-иқтисодие мебошанд, ки дар раванди ташаккули кластерҳои пахта дар минтақаи Хатлон ба вуҷуд омадаанд.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқотро асарҳои олимони тоҷик ва хориҷи кишвар оид ба ташаккули кластерҳои пахта дар минтақаҳои кишвар, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзими давлатии ташаккули кластерҳои минтақавӣ, ҳисоботи илмӣ ва интишорот дар бораи рушди низоми комплекси агросаноатӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодиёти минтақаҳои кишвар ташкил медиҳанд. Ба сифати сарчашмаҳои илмӣ, инчунин, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикстон ва Сарраёсати Агентии омор дар вилояти Хатлон, маълумотҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳисоботҳои солонаи ҳоҷагиҳои деҳқонии ноҳияҳои минтақаи Хатлон ташкил медиҳанд.

**Дар раванди таҳқиқот усулҳои зерин:** усули монографӣ, таҳлили оморӣ, математикӣ - иқтисодӣ, демографию қиёсӣ ва таҷрибавию озмоишӣ истифода бурда шудаанд. Истифодаи усулҳои мазкур натиҷабахшии ташаккули кластерҳои пахта ва идораи самараноки ҷараёни кооператсия ва ҳамгирой, асоснок намудани натиҷаҳои назариявӣ - амалӣ, хулосаю пешниҳодҳоро таъмин менамояд.

**Навгониҳои таҳқиқоти илмиро** асоснок намудани ҷанбаҳои назариявӣ-методии ташаккули кластерҳои пахта ва пешниҳодҳои амалӣ оид ба баланд бардоштани самаранокии иштирокчиёни занҷираи мазкур дар минтақаҳои агросаноатӣ ташкил медиҳад. Унсурҳои асосии навгонии илмӣ инҳоянд:

- дар асоси омӯзиш ва ҷамъбасти дастаҷамъонаи нуқтаҳои мухталифи назариявӣ таърифи худи муаллиф оид ба мафҳуми "кластерҳои пахта" бо назардошти хусусиятҳои минтақавӣ ва ҳудудӣ муайян карда шудааст, ки он ба истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ, фурӯш ва то ба истеъмолкунандаи ниҳой расонидани маҳсулоти соҳаи пахта, таъмини рақобатноки иштирокчиёни занҷираи истеҳсолии он равона карда шудааст;
- арзёбии принсипҳо ва функсияҳои асосии ташаккули кластерҳои пахта дар минтақаҳои агросаноатӣ, ки ба баҳои методӣ-услубии фаъолияти дастаҷамъонаи иштирокчиёни занҷираи мазкур, баланд бардоштани самаранокии соҳаҳои комплекси агросаноатӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодиёти минтақаҳои кишвар нигаронида шудаанд;

➢ самтҳои асосии ташаккули кластерҳои пахта дар минтақаҳои агросаноатӣ арзёбӣ гардидааст, ки он бо назардошти хусусиятҳои минтақавӣ ва табиӣ-иқлимии рушди соҳаи пахта, ки ба истифодаи оқилонаи иқтидори захиравӣ-табиӣ, ҷалби бештари сармоягузориҳо, алоқаҳои ҳамгирой ва кооператсияи истеҳсолот ва дар заминаи онҳо зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти он дар минтақа нигаронида шудааст;

➢ дастгирии давлатии ташаккули кластерҳои пахта дар минтақаҳои агросаноатӣ баҳогузорӣ ва натиҷагирӣ карда шудааст, ки он ба таъсиси корхонаҳои саноатии коркарди нахи пахта ва ҷойҳои нави корӣ, дастгирии молиявии корхонаҳои пахта ва иштирокчиёни занҷираи он, баланд бардоштани самаранокии иқтисодии кластерҳои пахта дар минтақаҳои агросаноатӣ равона карда шудааст;

➢ таҳияи пешниҳодҳо оид ба фаъолгардонии ҷалби сармоягузориҳо ба ташаккули каластерҳои пахта, ки ба беҳтаргардонии вазъи молиявӣ-иқтисодии иштирокчиёни занҷираи он, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти соҳаи пахта ва таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти коркарди саноатии он, инчунин, рушди устувори иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа равона гардидаанд;

➢ самт ва роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии кластерҳои пахта дар минтақаҳои агросаноатӣ, ки ба зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти агросаноатӣ, рушди инноватсионии корхонаҳои коркарди саноатӣ, беҳтар шудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва таъмини рушди устувори минтақа мусоидат менамояд.

Диссертатсияи Халифазода Ҷовидон Бобохон дар мавзуи «Арзёбии самаранокии кластерҳои агросаноатӣ дар минтақа (дар мисоли кластерҳои пахтаи минтақаи Хатлон)» ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мутобиқат мекунанд:

б.1.2. Тақсимоти қаламравии захираҳои иқтисодӣ; ҷиҳатҳои назариявӣ, методӣ ва амалии ҷойгиркунии корхонаҳо, фирмаҳои бизнеси хурд ва миёна, кластерҳои иқтисодӣ, корхонаҳои бахши ҷамъиятӣ, хоҷагиҳои хонавода;

б.1.3. Ташкили маконии иқтисодиёти миллӣ; таъсисёбӣ, фаъолият ва таҳдиди кластерҳои иқтисодӣ ва дигар низомҳои маконии маҳдудшуда;

б.1.19. Истифодаи самараноки омилҳои истеҳсолот дар тараққиёти иқтисодиёти минтақаҳо. Қонуниятҳо ва хусусиятҳои ташкил ва идоракунии сохторҳои иқтисодӣ дар минтақаҳо. Афзалиятҳои мутлақ ва нисбии кластерҳои иқтисодии минтақавӣ;

б.1.24.Тараққиёти комплекси агросаноатӣ дар минтақаҳо, хусусиятҳои минтақавӣ ва маконии инкишофи хоҷагии қишлоқ.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодот ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, муҳтавои кор дар 180 саҳифаи матни компютерӣ баён гардидааст, ки шомили 17 ҷадвал, 2 диаграмма ва 6 расм мебошад. Феҳристи адабиёти истифодашуда номгӯи сарчашмаҳои мавриди истифода қароргирифта, аз ҷумла муаллифони ватанӣ ва хориҷиро дар бар мегирад. Дар муқаддима, мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

**Таҳқиқоти диссертатсионӣ** ба талаботи шаҳодатномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мутобиқат мекунад.

Вобаста ба маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ 11 - мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 - тои он дар маҷаллаҳои шомили феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 5,5 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар нашрияҳои зерин инъикос ёфтааст:

**I.Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

[1–М]. Халифазода, Ҷ.Б. Ҷанбаҳои назариявӣ ва хусусиятҳои соҳавию минтақавии ташаккулёбии кластерҳои агросаноатӣ [Матн] / Ҷ.Б.Халифазода // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе. - 2021. – №1. – (25) – С. 178-183. ISSN 2663-0389.

[2–М]. Халифазода, Ҷ.Б. Кластерҳои агросаноатӣ дар минтақа: баъзе ҷанбаҳои методологии ташаккулёбӣ ва рушди онҳо [Матн] / Ҷ.Б.Халифазода // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе. - 2021. – №4/2. – (54) – С. 160-167. ISSN 2709-8567.

[3–М]. Халифазода, Ҷ.Б. Таҷрибаи хориҷӣ оид ба ташаккул ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар минтақа [Матн] / Қ.Қ.Давлатзода, Ҷ.Б.Халифазода // Паёми политехникӣ. – Душанбе. - 2021. – №3. – (55) – С. 88-93. ISSN 2520-2235.

[4–М]. Халифазода, Ҷ.Б. Муаммоҳои ташаккулёбӣ ва роҳҳои рушди кластерҳои агросаноатӣ дар шароити минтақа [Матн] /

Ҷ.Б.Халифазода // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе. - 2022. – №1. – (30) – С. 245-252. ISSN 2663-0389.

[5–М]. Халифазода, Ҷ.Б. Рушди кластеркунонии соҳаҳои комплекси агросаноатӣ дар вилояти Хатлон [Матн] / Ҷ.Б.Халифазода, М.Х. Халифаева // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе. - 2021. – № 3 (32). - С. 229-237. ISSN 2663-0389.

[6–М]. Халифазода, Ҷ.Б. Фаъолгардонии ҷалби сармояҳо ба рушди кластерҳои пахтакорӣ дар минтақа [Матн] / Э.Н.Шералиев, Ҷ.Б.Халифазода // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе. - 2022. - № 4-1 (58). - С.116-123. ISSN 2709-8567.

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:**

[7–М]. Халифазода, Ҷ.Б. Кластерҳои агросаноатӣ дар минтақа: принсипҳои рушд ва функсияҳои асосии онҳо [Матн] / Ҷ.Б.Халифазода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Идоракунии зиддибуҳронӣ: таҳлил, баррасӣ ва ҷустуҷӯи механизмҳои бартарафсозии он” (Душанбе, 25-26-уми ноябри соли 2021). – Душанбе 2021.- АИДНПҶТ. С- 423-432.

[8–М]. Халифазода, Ҷ.Б. Кластерҳои агросаноатӣ: муаммоҳои ташаккулёбӣ ва роҳҳои рушди онҳо [Матн] / Ҷ.Б.Халифазода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Тоҷикистон дар низоми муосири муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқӣ”, (Душанбе, 26-уми ноябри соли 2021). - ДДМИТ.-2021. С-305-310.

[9–М]. Халифазода, Ҷ.Б. Самаранокии алоқаҳои кооператсия ва ҳамгироӣ дар рушди кластерҳои агросаноатӣ [Матн] / Ҷ.Б.Халифазода, Бобошерзода Н.Қ. // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи “Рушди менеҷменти инноватсионӣ ва нақши он дар татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар” бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи тақдирсоз (ш. Душанбе 29-уми октябри соли 2022, ДДМИТ). Душанбе.- 2022.- С-143-148.

[10–М]. Халифазода, Ҷ.Б. Ҳолати кунунии рушди соҳаҳои комплекси агросаноатӣ дар вилояти Хатлон [Матн] / Ҷ.Б.Халифазода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба Рӯзи кормандони мақомоти андоз дар мавзуи «Низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири он ба инкишофи иқтисодиёти миллӣ: воқеият ва дурнамо” (Душанбе, 7-уми майи соли 2022, ДДМИТ) Душанбе.-2022.- С-250-258.

[11–М]. Халифазода, Дж.Б. Оценка эффективности производственной интеграции и кооперации в системе агропромышленных кластеров [Текст] / Дж.Б.Халифазода // Международный научный журнал Endless Light in Science. Алматы, Казахстан. С-144-149. 17 декабря 2022.

Дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ ва таҳлили иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иштирок доштанд: ҳамагӣ - 30 нафар, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ – 18 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ чунин буданд: «тарафдор» - 18 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест. Дар асоси натиҷаи овоздиҳӣ:

**Ҷаласа қарор қабул кард:**

1.Диссертатсияи Халифазода Ҷовидон Бобохон дар мавзуи «Арзёбии самаранокии кластерҳои агросаноатӣ дар минтақа (дар мисоли кластерҳои пахтаи минтақаи Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ таҳқиқоти анҷомёфта ҳисобида шавад.

2.Диссертатсияи Халифазада Ҷовидон Бобохон дар мавзуи «Арзёбии самаранокии кластерҳои агросаноатӣ дар минтақа (дар мисоли кластерҳои пахтаи минтақаи Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда ба марҳилаи баъдии ташхиси пешакӣ дар шурои олимони факултети иқтисод ва бизнес тавсия дода шавад.

3.Қарори ҷаласаи якҷояи кафедраҳои иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ ва таҳлили иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз «28» 09 соли 2022, суратмаҷлиси №02 тасдиқ карда шавад.

Раиси ҷаласа:
номзади илмҳои иқтисодӣ дотсент,
мудири кафедраи иқтисоди
корхонаҳо ва соҳибкории ДДМИТ — Нуридинов С.З.

Котиби ҷаласа:
номзади илмҳои иқтисодӣ дотсент,
и.в. мудири кафедраи таҳлили
иқтисодии ДДМИТ — Шодиев К.Қ.

Дурустии имзоҳои Нуридинов С.З.
ва Шодиев К.Қ.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДМИТ — Шарипов У.А.
«30» 09 2022 с.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ